# ХУЛОСАИ
## шурои диссертатсионии 6D.КОА-020 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм

Парвандаи аттестатсионии №____

Қарори шурои диссертатсионӣ аз 08.02.2024, № 53

Барои сазовор донистани Раҳимова Наргис Қаҳоровна, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ.

Диссертатсияи Раҳимова Наргис Қаҳоровна дар мавзуи «Нақши тарҷума дар эҷодиёти Фарзона» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7-уми январи соли 2022, таҳти № 23) 30-юми ноябри соли 2023, суратмаҷлиси № 46 ба ҳимоя қабул гардидааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Раҳимова Наргис Қаҳоровна 15-уми апрели соли 1984 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Соли 2006 факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуровро аз рӯйи ихтисоси филолог, омӯзгори забон ва адабиёти тоҷик хатм кардааст.

Аз соли 2021 унвонҷӯи кафедраи адабиёти муосири тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии шаҳри Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» буда, ҳамзамон, ба ҳайси саромӯзгори кафедраи мазкур фаъолият дорад.

Диссертатсия дар кафедраи адабиёти муосири тоҷики факултети филологияи тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии шаҳри Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** доктори илмҳои филологӣ, профессор, декани факултети филологияи тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» **Ӯлмасова Замирахон Ҳабибуллоевна**.

**Муқарризони расмӣ:** Худойдодов Аъзам Овлододович, доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёти

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва Зулфиев Гадомад Нурмадович, номзади илмҳои филологӣ, декани факултети филологияи тоҷик ва журналистикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба диссертатсия тақризи мусбат пешниҳод намудаанд.

**Муассисаи пешбар –** Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Шамсов Н.С., эксперт – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи мазкур Давлатбеков Л.М., котиби илмии ҷаласа – номзади илмҳои филологӣ, дотсент Боев Ш.Э. имзо гардида, бо имзою муҳри ректори муассиса, доктори илмҳои филологӣ, профессор Гулназарзода Ж.Б. пешниҳод шудааст, қайд намудааст, ки диссертатсияи Раҳимова Наргис Қаҳоровна дар мавзуи «Нақши тарҷума дар эҷодиёти Фарзона» ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ сазовор мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи адабиётшиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 16 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

### I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[1-М]. Раҳимова, Н. Ашъори Ф. Тютчев дар тарҷумаи Фарзона / Наргис Раҳимова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2022. – № 3. – С. 189-194.

[2-М]. Раҳимова, Н. Тафовути тарҷумаи ашъори Иоҳан Гёте аз тарафи Лоиқ ва Фарзона / Наргис Раҳимова // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – Бохтар, 2022. – № 1-3. – С. 164-172.

[3-М]. Раҳимова, Н. Вежагиҳои тарҷумаи ашъори Фарзона ба забони русӣ / Наргис Раҳимова // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2022. – № 3. – С. 248-254.

[4-М]. Раҳимова, Н. Фарзона ва хусусиятҳои тарҷумаи «Иқтидо ба Қуръон»-и Пушкин / Наргис Раҳимова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2023. – № 2. – С. 225-232.

[5-М]. Ӯлмасова, З.Ҳ., Раҳимова, Н. Намунаи ҳайкуҳои ҷопонӣ дар тарҷумаи Фарзона / З.Ҳ. Ӯлмасова. Н. Раҳимова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2023. – № 6. – С. 154-159.

**II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:**

[6-М]. Рахимова, Н. «Pray» by A. Exupery in Farzona′s translation / Наргис Рахимова // Проектирование. Опыт. Результат. Международный научный журнал. – Воронеж, 2021. – № 3. – С. 41-44.

[7-М]. Раҳимова, Н. Баъзе масъалаҳои тарҷума дар замони муосир / Наргис Раҳимова // Паёми навраҳони илм. Маҷмуаи мақолаҳои олимон, муҳаққиқони ҷавон ва магистрантон. – Хуҷанд: Ношир, 2021. – № 1. – С. 55-60.

[8-М]. Раҳимова, Н. Вижагиҳои фаъолияти тарҷумонии Фарзона / Наргис Раҳимова // Паёми навраҳони илм. Маҷмуаи мақолаҳои олимон, муҳаққиқони ҷавон ва магистрантон. – Хуҷанд: Ношир, 2021. – № 1. – С. 60-69.

[9-М]. Раҳимова, Н. Мавқеи тарҷума дар ашъори Фарзона / Наргис Раҳимова // Паёми навраҳони илм. Маҷмуаи мақолаҳои олимон, муҳаққиқони ҷавон ва магистрантон. – Хуҷанд: Ношир, 2022. – № 2 – С. 229-235.

[10-М]. Раҳимова, Н. Махсусиятҳои тарҷумаи ашъори Фарзона ба забони русӣ / Наргис Раҳимова // Маводи конфересияи онлайнии

байналмилалӣ дар мавзуи «Шеъри имрӯз: суннат ва навоварӣ». – Хуҷанд: Ношир, 2022. – С. 55-60.

[11-М]. Рахимова, Н. Художественный перевод как фактор истории русско-таджикских литературных взаимосвязей / Наргис Рахимова (в соавторстве) // Международный научно-практический журнал. – Алматы, 2022. – С. 184-191.

[12-М]. Раҳимова, Н. Тарҷумаи ҳайкуҳои ҷопонӣ дар эҷодиёти Фарзона / Наргис Раҳимова // Маводи конфронси байналмилалии «Саҳми пешвои миллат дар тақвияти мақоми забони тоҷикӣ дар арсаи байналмилалӣ». – Хуҷанд, 2023. – С. 420-425.

[13-М] Раҳимова, Н. Садриддин Айнӣ ва тарҷумаи бадеӣ / Наргис Раҳимова // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии «Ҷойгоҳи Садриддин Айнӣ дар рушди забон ва адабиёти тоҷик» (бахшида ба 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 145-солагии Қаҳрамони Тоҷикистон, устод Садриддин Айнӣ). – Хуҷанд, 2023. – С. 625-629.

[14-М]. Раҳимова, Н. «Ниёиш»-и А. Экзюпери дар тарҷумаи Фарзона / Наргис Раҳимова // Суханшиноси ҷавон. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2023. – № 4. – С. 143-149.

[15-М]. Раҳимова, Н. Таҳаввули тарҷумаи шеъри русӣ ва тоҷикӣ / Наргис Раҳимова // Суханшиноси ҷавон. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2023. – № 4. – С. 200-210.

[16-М]. Рахимова, Н. Перевод как своеобразное связующее звено в таджикско-русских литературных взаимоотношениях / Наргис Рахимова // Тенденции развития науки и образования. Рецензируемый научный журнал. – Самара, 2023. – № 102. – С. 201-204.

**Ба автореферати диссертатсия аз муассиса ва муҳаққиқони зерин тақризҳо ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**1. Тақризи** доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои шарқи хориҷии Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Шароф Рашидов Ҷумъа Ҳамроев мусбат буда, дар баробари зикри дастовардҳои назарраси илмии диссертант ду эрод манзур шудааст:

1. Дар боби аввал баъзе хатоҳои хронологӣ мавҷуданд, ки онҳоро ислоҳ кардан лозим аст.

2. Дар автореферат баъзе хатоҳои имлоии дорои хусусияти техникӣ ҷой доранд.

**2. Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, саромӯзгори кафедраи адабиёти тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» Маҳмадалиева Муҳаббат Раҳмоновна низ мусбат буда, дар он ба автореферати диссертатсия ду эрод гирифта шудааст:

1. Дар боби аввали кор роҷеъ ба тарҷумаи осори адабӣ мухтасар маълумот оварда шуда, моҳияти асосии тарҷумаи бадеӣ тавзеҳи ҳамаҷониба наёфтааст.

2. Дар саҳифаҳои автореферати диссертатсия ҷо-ҷо ғалатҳои имлоӣ, услубӣ ва техникиро мушоҳида кардан мумкин аст.

**3. Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, муҳаррири Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Набиева Меҳрангез Назаровна, дар маҷмуъ, мусбат буда, дар он се эрод манзур шудааст:

1. Дар фасли якуми боби аввал масъалаи таҳқиқ фосилаи дурударози таърихиро дар бар гирифта, як андоза кандагиву гусастагиҳои хронологӣ дар он ба назар мерасанд. Хуб мебуд, ки ин фасл ба ду фасли алоҳида ҷудо карда мешуд: аз асри VII то поёни асри XIX; аз ибтидои асри XX то оғози асри XXI.

2. Дар корҳои илмӣ-таҳқиқӣ аз корбурди калимаю таркиботи мадҳияю тавсифӣ то ҳадде худдорӣ бояд кард. Дар автореферати диссертатсия корбурди ибораҳои тавсифии «шоири мумтоз», «адиби хушсалиқа», «адиби тавоно» ва монанди инҳо ба назар мерасанд.

3. Баъзан дар автореферати диссертатсия талабот ва муқаррароти «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ» дар масъалаи категорияи ҷинсият ба назар гирифта нашудааст. Чунончи: шоира (саҳ. 6, 7, 8...) (шакли саҳеҳаш: шоир).

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ:**

- унвонҷӯ Раҳимова Наргис Қаҳоровна бо истифода аз назарияҳо ва равишҳои илмӣ-таҳқиқотии маъмул ба омӯзиши нақши тарҷума дар эҷодиёти Фарзона пардохта, кори илмии аз нигоҳи адабиётшиносӣ арзишмандро **ба анҷом расонидааст;**
- таҳқиқи диссертатсионӣ дар асоси маҷмуаҳои ашъори Фарзона, ашъору маҷмуаҳои ҷудогонаи ба забони тоҷикӣ тарҷумакардаи ӯ ва дар айни замон, тарҷумаҳои ашъори Фарзона ба забонҳои русӣ, белорусӣ,

англисӣ, олмонӣ, ӯзбекӣ ва арабӣ бо номҳои «Двадцать лепестков» («Бист гулбарг»), «Соловей в клетке» («Булбул дар қафас»), «Таджикистан: мгновенья вечности» («Тоҷикистон: лаҳзаҳои ҷовидонӣ»), «Пад зоркай Рудаки» («Зери ахтари Рӯдакӣ»), «Farzaneh Khojandi Poems» («Ашъори Фарзонаи Хуҷандӣ»), «Таҳажжуд», «Ишқ тасбеҳӣ» сурат гирифта, эҷодиёти адиб дар пояи назария ва равишҳои таҳқиқии муосир **коркард шудааст.**

– масъалаҳои вижагиҳои ашъори Фарзона, назари шоирии ӯ, бахусус, дар интихоби мавзуъ, шакл ва низоми образнокӣ дар тарҷумаҳо **баррасӣ гардида**, мухтассоти сохторию поэтикии тарҷумаҳои Фарзона ва тафовутҳои сабкии шоир **муайян гардидаанд;**
– вежагиҳои муҳтавоӣ ва дарунмояи тарҷумаҳо бо матни аслии онҳо **муқоиса ва муайян карда шудаанд**;
– тарҷумаи ашъори шоирони ҷаҳон ба забони тоҷикӣ, тарҷумаи ашъори Фарзона ба забони русӣ ва дигар забонҳо **таҳқиқу баррасӣ ёфтаанд**.

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад, ки** масъалаҳои назарӣ, равишҳои таҳқиқ ва хулосаҳои ҳосилшуда дар ин рисола ҷанбаҳои назарии омӯзиши тарҷумаро пурратар гардонида, дар таъини арзишҳои ҳунарию адабии ашъори тарҷумавии Фарзона метавонад нақши муҳим дошта бошад.

Таҳлилҳои анҷомёфта, афкори назарии муаллиф ва натиҷаҳои бадастомада аз омӯзиши мавзуъ дар таъини вежагиҳои тарҷума дар давраҳои гуногуни таърихӣ, хусусан, давраи навини ташаккули адабиёти муосири тоҷик мусоидат карда метавонанд. Натиҷаҳои дар заминаи мабоҳиси ҷудогонаи рисолаи бадастомада ва равишҳои пажуҳишии муҳаққиқро дар таҳқиқоти ҳамгун низ метавон ба кор гирифт.

Арзиши амалии диссертатсия аз он иборат аст, ки маводи дар рисола ҷамъовардашуда ва натиҷаҳои таҳқиқро метавон ҳангоми навиштани мақола, таълифи рисолаҳои илмӣ оид ба масъалаҳои хусусиятҳои тарҷумаи шеъри тоҷикӣ ва русӣ, китобҳо оид ба таърихи адабиёти муосири тоҷик ва давраи Истиқлолият, таълиф ва мураттаб намудани китобҳои дарсию васоити таълимӣ дар донишгоҳу донишкадаҳо, мактабҳои миёна, омода кардани матни лексияҳо аз таърихи адабиёти давраи нави тоҷик, курс ва семинарҳои махсус дар мактабҳои олӣ истифода кард.

Дар ҷараёни таҳлилу баррасии мавзуъ аз афкори назарӣ ва таҷрибаи илмии донишмандону коршиносони ватанӣ, аз ҷумла М. Шакурӣ, А.

Сайфуллоев, З. Муллоҷонова, В. Самад, Ш. Мухтор, Х. Отахонова, А. Самадов, Ҷ. Холов, Н. Назар ва афкори назарии олимони хориҷӣ, аз ҷумла Н.В. Комиссаров, А.В. Фёдоров, В.С. Виноградов, С. Влахов, Н.К. Гарбовский, Г.Р. Гачечиладзе, М.Ю. Илюшкина ва дигарон истифода шуда, дастовардҳои илмии онҳо ҳамчун заминаҳои назарии таҳқиқ ба кор рафтаанд.

Дар диссертатсия бо назардошти таҳқиқи ҷанбаҳои гуногуни тарҷумаҳои Фарзона ва вобаста ба масъалагузориҳои мушаххас аз методҳои муқоисавӣ-таърихӣ, таҳлилӣ, системавӣ, инчунин, муқоисавӣ ва контекстии таҳлил, дастовардҳои ҷадиди адабиётшиносии муосири тоҷик ва ҷаҳон истифода шудааст.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад**, ки аз мабоҳиси ҷудогонаи рисола, натиҷаҳои бадастомада ва равишҳои таҳқиқии бакоргирифтаи муаллиф дар раванди ҷустуҷӯҳо ва пажуҳишҳо дар нақди адабӣ ва масоили марбут ба доварии назм метавон истифода бурд. Маводи диссертатсия ва хулосаҳои онро зимни навиштани мақолаҳо ва таълифоту таҳқиқоти илмӣ оид ба масъалаҳои омӯхтанашудаи назми даврони Истиқлол, ҳангоми баррасии масъалаҳои алоқаманд ба адабиёти муосир, махсусан, тарҷумаи бадеӣ дар ашъори Фарзона ва таҳқиқи арзишҳои ҳунарию адабии ашъори тарҷумавии шоирони дигар мавриди истифода қарор додан мумкин аст.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд**, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ аз консепсияҳои илмӣ ва назарии адабиётшиносони хориҷию ватанӣ истифода шудаанд. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқияти маълумот, мутобиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби методҳои таҳқиқ бармеояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқи назарӣ пешниҳод гардидаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро** дараҷаи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда ва мустақил ифода шудани нуқтаи назари ӯ нисбат ба мавзуи таҳқиқ таъйид мекунанд.

Тарҳ, баррасӣ ва коркарду таҳлили мавзуи диссертатсионӣ маҳсули ҷустуҷӯ ва фаъолияти илмии муаллиф мебошад. Саҳми фардии муаллиф дар гирдоварӣ ва таҳқиқи маводи фаровони илмию адабӣ роҷеъ ба фаъолияти тарҷумонии Фарзона ва дар ин замина бо далелҳои муътамад муайян

намудани ҷойгоҳ ва мақоми ӯ ҳамчун тарҷумон дар адабиёти муосири тоҷик мушаххас мешавад.

Муаллиф дар таҳияи равиши илмии баррасии масъалаҳо, пешниҳоди усулҳо, таҳқиқи теъдод ва мундариҷаи тарҷумаҳои шоир, муайян сохтани арзиши адабӣ ва ҳунарии тарҷумаҳои Фарзона, ба низом даровардан ва ҷамъбаст кардани натиҷаҳои бадастомада, пешниҳоди маълумот ва фароҳам сохтани замина барои таҳқиқоти баъдӣ, интихоби мавод ва интишори натиҷаҳои таҳқиқ фаъолона иштирок намудааст.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 8-уми феврали соли 2024 дар бораи сазовор донистани Раҳимова Наргис Қаҳоровна ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 15 нафар аъзои шуро 12 нафар (фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми феврали соли 2023, № 19/шд), аз ҷумла 4 нафар докторони илм аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ иштирок доштанд.

Аз 12 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: тарафдор – 12 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Мақсудов Бадриддин

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ Сироҷиддини Эмомалӣ

08.02.2024.